Аз афсонаҳои халқи тоҷик

# ХАЁЛПАРАСТ



МАОРИФ

Ми тоуф
Х-15

# ХАЁЛПАРАСТ

КДБЧ ба номи
М. Ми...
8/Ф
2712
и/зал

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2015

ББК 83. 2 (2) тоҷик - 8
О - 83

**О – 83. Хаёлпараст.** Душанбе, «Маориф», 2015, 8 саҳ.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нашри силсилаи афсонаҳоро бо номи «Афсонаҳои халқи тоҷик» ба нақша гирифтааст.

Силсилаи мазкур дар асоси «Афсонаҳои халқи тоҷик» (нашри соли 1957) ва дигар афсонаҳое, ки солҳои охир чоп шудаанд, таҳия гардидааст.

Инак, яке аз афсонаҳо аз ин силсила барои кӯдакону наврасон ва кулли дӯстдорони қиссаҳои мардумӣ манзур мешавад.

**ISBN 978-99947-1-259-5** **© «Маориф», 2015**

Буд-набуд, як кампир буд, дар бисоташ фақат як писар дошт. Вай чунон танбалу нокора буд, ки ба гуфтан рост намеомад. Кораш аз нишастану хобидан иборат буд. Поёнро обу болоро сел барад, парво надошт. Ин аҳвол ба ҷони кампир расиду як рӯз ба писараш гуфт:

– То кай ин хел шаб ҳангию рӯз бангӣ шуда хоб меравӣ? Худо марда барои берун офаридааст, ту ҳам мисли дигарҳо ба кӯчаю



бозор рав, харидуфурӯш кун. Ба ягон чиз соҳиб шав!

– Хайр, модар, бигӯ, чӣ кор кунам? – пурсид писар.

Модар ба дасти вай як сабадча тухм дода гуфт:

– Ақалан ҳаминро бифурӯш, то пуле барои қути лоямут шавад.

Писар сабадчаи тухмро гирифта чанде рафт, дар роҳ дар сояи ғафси чинор нишасту сабади тухмро ба замин монда, ба





хаёл рафт. «Дар ин сабад камаш панҷоҳ тухм ҳаст, – фикр кард ӯ, – инро мефурӯшаму ба пулаш як хурӯсу камаш панҷсад мокиён мехарам. Мокиёнҳо дар андак вақт тухм мекунанд, панҷсад тухмро мехобонам, панҷсад чӯҷа мегирам. Чӯҷаҳо калон мешаванду тухм мекунанд, камаш панҷ ҳазор тухм мекунанд, аз панҷ ҳазор тухм панҷ ҳазор чӯҷа мегирам. Чӯҷаҳоро калон мекунам, бурда фурӯхта ба пулашон ҳазор



сар гӯсфанд мехарам. Гӯсфандҳо барра мезоянд, баррачаҳо калон шуда, боз барра мезоянд, он барраҳо ҳам калон мешаванд, ба чанд рама гӯсфанд соҳиб мешавам, даҳ-дувоздаҳ чӯпон киро мекунам, гӯсфандҳоям зиёд шудан мегиранд, нисфашонро фурӯхта, ба пулаш як қасри подшоҳӣ месозам, ба ин хел қаср албатта, як зани хушрӯй лозим мешавад. Дили духтари ҳамсоя ба ман кашол, лекин ман ба дух-

тари подшоҳ хостгор мефиристам, подшоҳ давлату сарвати маро дида, албатта не намегӯяд. Як тӯйи дакаданг мекунам, духтари подшоҳро арӯс карда мебиёрам. Ӯро бо суруди «Ёр-ёр» ба таги чодар медароранд, ман духтари нозанинро ба канор мегирам. Духтар духтар аст, аввал ноз карда, аз ман мегурезад, аз домони куртаи ҳарираш дошта, ба тарафи худ мекашам, духтар доманашро кашида, аз дасти ман ҷудо



карданӣ мешавад».

Ҳамин вақт фикр кард, ки агар ҳозир чашми духтарро натарсонад, баъд дер мешавад. Дар сари ҳамин фикр хост духтарро як лагад занад, пояш ба чизе расида, чашм кушод, ки сабади тухм панҷ-шаш қадам он сӯтар чаппа шудааст. Наздик рафта дид, ки ягон тухми сиҳат намондааст...



КДБЧ ба номи
М. МИРША

# ХАЁЛПАРАСТ

Муҳаррир Бурҳон Салмонов
Рассом Ҳусейн Чилаев
Муҳаррири техникӣ Робия Абдуллоева
Ороиши компютерӣ Сураҷ Алигаваров
Ҳуруфчин Суруш Зайниддинов

Ба чопаш 12.01.2015 имзо шуд. Андозаи 50x70 1/32.
Коғази буранддуд. Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопӣ 0,5. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши №14/2015.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел: 98-552-89-89. E-mail: najmiddin64@mail.ru

КДБЧ ба номи
М. МИРШАКАР
ТОЛОРИ ХИЗМАТРАСОНӢ
БАРОИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ
ХУРДИ МАКТАБӢ

МАОРИФ

9 789994 712762